**ПРОТОКОЛИ № 40.3-и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

аз 27 декабри соли 2025 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм

27 декабри соли 2025, соати 09:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 12:30.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои иқтисодӣ, Саиджонов Содикжон Шарифжонович.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025 таҳти рақами 289/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа ҳамаи 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Раҳимзода Ҳисайн Раҳим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас, раис довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷойи кори муқарризони расмиро эълон кард.

Саиджонов С.Ш., котиби илмии шуро ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Алиджанова Сурайё Абдушукуровна шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас, ба Алиджанова Сурайё Абдушукуровна барои маъруза дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» то 40 дақиқа вақт дода шуд. Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои шуро – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаева Д.А., доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдукодирӣ Х.А. ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиджанова С.А. ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан, мушовири илмии довталаб - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан сухан намуда, ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода, фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгории Алиджанова С.А.–ро тавсиф намуда, сабаби ба довталаб додани дараҷаи илмиро асоснок иброз дошт.

Ҳамчунин, котиби илмии шуро Саиджонов С.Ш. ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои мукаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамзамон, ӯ ҳозиринро бо тақризҳо ба автореферати диссертатсия, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин пешниҳод шудаанд, шинос намуд:

1. **Авезов Азизулло Ҳабибович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ бо эродҳои зерин: 1. Дар ҷадвалҳои 1 ва 2 (с. 20-21) раддабандии маҷмуавии даҳ кишвари пешрафта аз рӯйи самаранокии экологӣ ва иқтисодиёти сабз барои соли 2024 ва раддабандии маҷмуавии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи самаранокии экологӣ ва иқтисодиёти сабз барои соли 2024 оварда шудаанд. Хуб мешуд чунин раддабандӣ барои минтақаҳои Тоҷикистон дар алоҳидагӣ ҳисоб карда шавад. 2. Дар расми 2 (с. 24) аз тарафи муаллиф тамоюли дигаргуншавии тамаддунҳо дар дунё оварда шудааст. Хуб мешуд агар дар расм мавқеъи иқтисоди сабз ҳамчун падидаи навин инъикос карда мешуд.

2. **Шарифов Зариф Раҳмонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо эроди зерин: дар автореферати диссертатсия ба сарчашмаҳои алтернативии тавлиди энергияи сабз ба монанди неруи офтоб, бод ва дигарҳо аҳаммияти кам зоҳир карда шудааст.

3. **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эроди зерин: камбудиву костагиҳои номбурда бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе қитъаҳои матн дониста гирифтани мазмуни марказии он мушкил мегардад.

4. **Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав" бо эродҳои зерин: 1. Ҳангоми таҳқиқи шуғли шабз (с. 51-52) беҳтар мешуд оид ба вазъияти хозираи бозори меҳнати ба иқтисодиёти сабз мутобиқат мекарда маълумоти дақиқ дода шавад. 2. Ҳангоми ҳисоб намудани коэффитсиенти ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб мешуд сабаби фарқияти ин нишондиҳанда вобаста ба минтақаҳо васеътар шарҳ дода мешуданд, ки сифати илмии хулосаҳои муаллифро боз ҳам мустаҳкам менамуд.

**5. Шокиров Равшан Сиддиқович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқ ва фаъолияти гумрукии МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД ДБССТ бо эроди зерин: ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф ташаккул ва рушди кластерҳои "сабз"-ро ва ҷалби ҳаҷми сармоягузориҳоро барои рушди ояндаи иқтисоди "сабз" дар минтақаҳо, боз ҳам чуқуртар мавриди таҳқиқот қарор медод.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Саиджонов С.Ш. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудааст, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиджанова Сурайё Абдушукуровна барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ - Раҳимзода Ҳисайн Раҳим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Досиев Маҳмадшоҳ Назарович доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон сухан карданд. Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиджанова Сурайё Абдушукуровна барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Тибқи банди 87-уми Низомномаи шурои диссертатсионӣ сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дода шуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Алиджанова Сурайё Абдушукуровна имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Алиджанова С.А. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.

Комиссия Исмоилов М.М.-ро раис интихоб кард, мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд. Аз 11 нафар иштирокдорони маҷлис 10 нафар бо ҳуқуқи овоздиҳӣ:

тарафдор – 10 нафар;

муқобил – нест;

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Алиджанова С.А. додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул гардид.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 суханронии Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ; тақризи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан; тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳимзода Ҳисайн Раҳим; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев Маҳмадшоҳ Назарович; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ, ҳамчунин, муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. шунида, баррасӣ карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Алиджанова Сурайё Абдушукуровна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил - нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Саиджонов Содикжон Шарифжонович**

*27 декабри соли 2025*